«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
д.и.т., профессор,
_______ Ибодуллозода А.И.
«13» ____02____ соли 2024

ХУЛОСАИ

кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия)

Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна 20.03.1992 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 2015 факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси педагог-психологи тарбияи томактабӣ (мутахассис) хатм кардааст.

Соли 2017-2018 дар кӯдакистони №101 фаъолият намуда, аз соли 2018 то инҷониб ассистенти кафедраи педагогикаи махсус за таҳсилоти фарогир фаъолият намуда истодааст.

Соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ (фармоиш аз 30.12.2020, №699 ОД) қабул шуда, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм – “5” (аъло) – 09.06.2021;
- Забони хориҷӣ (англисӣ) – “4” (хуб) – 22.11.2022;
- Ихтисос: 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия)- “5” (аъло) – 07.06.2023.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 15.06.2023, №772 додааст.

Роҳбари илмӣ: Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, аз ҷониби муқарризони холис Нугмонов М. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими факултети математикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ; Аҳадов З.Н. - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир; Муродова Ш.С. - номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфт.

Унвонҷӯ Салямова Дилафрӯз оид ба мазмуну мундариҷаи рисолаи илмӣ, оид ба натиҷаҳои дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бадастовардаи худ ибрози ақида намуд. Муаллиф қайд намуд, ки мубрамияти омӯзиши лакнати забон дар илми муосир меафзояд, зеро аксарияти нафарони мубтало ба ин нуқсони нутқӣ кӯдакон ба шумор мераванд. Ин ҳолат аз назари олимони соҳаи педагогикаи коррексионӣ яке аз масъалаҳои муҳим аониста мешавад.

Дар Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 чунин омадааст: "Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогирро (инклюзивиро) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, дар таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд барои гирифтани таҳсилот мусоидат менамояд".

Амалия нишон медиҳад, ки бе тадқиқоти илмии муайянкунандаи сабабҳои лакнати забон, асоснок кардан ва ҷорӣ намудани усулҳои бартараф намудани онҳо дар кори логопедӣ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, мубрамияти дарки зарурияти ин масъала дар он ифода меёбад, ки маҳз нуқсони нутқӣ боиси зуҳури мушкилот дар ифодаи сухан, баёни равшании фикр, барқарории муошурати баробар бо дигарон мегардад, ки дар ниҳоят камолоти инсонро халалдор месозад.

Навгониҳои илмии таҳқиқот пеш аз ҳама дар ислоҳи лакнатзабонӣ дар кӯдакони синни томактабӣ ва коркарди методикаи таълими логопедӣ дар асоси он иборат буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- роҳ, усул ва воситаҳои самарабахши таъсиррасонӣ ба кӯдакони дорои нуқсони лакнатзабонӣ дар раванди бозии логопедӣ бо воситаи технологияи бозиро муайян кардан:

- дар асоси усулҳои нави объективии таҳқиқоти инструменталӣ хусусиятҳои умумӣ ва фардии тавсифномаи темпо-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабонро коркард намудан;

- бо воситаи технологияи бозӣ роҳҳои ислоҳи нуқсони лакнатзабониро муайян ва асоснок намудан;

- маълумотҳои нави сифатӣ ва миқдории таҷрибавӣ ба даст овардан, ки хусусиятҳои темпо-ритмикии нутқи кӯдакони лакнатзабон, таъсири мутақобила ва динамикаи ҷузъҳои гуногуни просодикӣ, инчунин, алоқаи онҳоро бо дигар аломатҳои лакнатзабонӣ бо технологияи бозӣ тавсиф менамояд;

- самт, мазмун, усул ва шартҳои таъсири дифференсиалии комплексии ислоҳии логопедӣ бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва фардӣ темпо-ритмикии нутқ дар кӯдакони лакнатзабон бо технологияи бозӣ асоснок шуда, самаранокии онро исбот намудан.

Аз ин лиҳоз, муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:

1. Вайроншавии суръат ва ритми нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ бо таносуби гуногуни давомнокии сегментҳо ва коэффисиэнти тағирёбии онҳо алоқаманд буда, дар инҳирофоти сохтори вақти калони вақти сигнали нутқ аз меъёр камтари нутқ зоҳир мегардад.

2. Истифодаи усулҳои инструменталӣ барои баҳодиҳии сифатӣ-миқдории суръат ва ритми нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ тавсия мегардар,ки дар асоси онҳо хусусиятҳои умумӣ ва фардӣ дар сохтори ин ихтилолҳо муайян карда шаванд.

3. Таҷрибаи воҳеии кор бо кӯдакони аз лакнатзабонӣ ранҷбаранда нишон медиҳад, ки вайрон шудани суръат ва ритми нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ бо вайроншавии амалиётҳои гуногуни тавлиди баёни нутқ дар сатҳҳои мотиватсия, маъноӣ, забонӣ, моторӣ, инчунин инҳироф дар соҳаи эмотсионалӣ-ихтиёрӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

4.Таъкид мешавад,ки ислоҳи комплексии лакнатзабонҳо бояд дар заминаи муносибати дифференсиалӣ ва фардӣ бо назардошти хусусиятҳои умумӣ ва индивидуалии ташкили ритмикии нутқ, динамикаи он, пешгуии аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда, хусусияти амалиёти вайроншудаи тавлиди нутқ ва хусусиятҳои соҳаи эмотсионалӣ-ихтиёрӣ бо воситаи технологияи бозӣ амалӣ гардад.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия иштирокчиёни ҷаласа ба довталаб саволҳо дода, ҷавобҳои мувофиқ гирифтанд.

Роҳбари илмии муҳаққиқ н.и.п., дотсент, Рамазонова Раҷабгул Сулаймоновна оид ба шахсияти Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна маълумот дода, ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии довталаб дар маҷмуъ баҳои мусбат дод.

**Нугмонов М.** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими факултети математикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ; **Аҳадов З.** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир; **Муродова Ш.С.** – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогикаи умумии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризон оид ба омӯзиши дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки дар илми педагогикаи махсус масъалаҳоиислоҳи лакнатзабонӣ вобаста ба ихтиссоси логопедия барои кӯдакони таҳсилоти томактабӣ аз нуқтаи назари олимону коршиносон дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон”, Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир самтҳои асосии рушди таҳсилоти фарогир, Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ва дигар ба сифати заминаи назариявӣ-методологии таҳқиқотӣ истифода гардиданд.

Асоси методологии таҳқиқоти диссертсиониро муқаррароти илмию назариявӣ оид ба қонуниятҳои ташаккул ва рушди системаҳои функсионалӣ, аз ҷумла системаи функсионалии нутқ, дар бораи сохтори мураккаби фаъолияти нутқ ва таъсири мутақобилаи пайвандҳои амалии он, консепсияҳои илмӣ дар бораи робитаи фаъолият бо муошират ва нақши пешбарандаи онҳо дар инкишоф ва ташаккули шахсият, дар бораи равиши коммуникативӣ-фаъолӣ дар ташаккули нутқ ваислоҳи нуқсонҳои он), дар бораи таносуби аломатҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷа дар сохтори нуқсони нутқ ташкил медиҳад.

Унвонҷӯ Салямова Д.Н. дар заминаи таҳқиқоти озмоишӣ муқаррароти кори илмиро аз ҷиҳати амалӣ аз тариқи баргузории корҳои озмоишӣ тасвибу тасдиқ кардааст, натиҷаҳои озмоиш ва коркардҳои

бадастомадаро таҳлилилу арзёбӣ кардааст, оид ба мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқикот мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр карда, дар чорабиниҳои илмӣ иштирок ва маърӯзаҳо кардааст, натиҷаҳои бадастомадаро ҷамъбаст карда, дар заминаи онҳо пешниҳоду тавсияҳои методӣ коркард ва манзур кардааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои зерин дар нашрияҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

1. Рамазонова Р., Салямова Д. Ақидаи мутафаккирон оид ба пайдоиши лакнатзабонӣ ва ислоҳи он. /Паёми пажуҳишгоҳи рушди маориф. Душанбе. – 2022. №1 (37). - С.103-107.

2. Салямова Д. Истифодаи фаъолияти бозӣ дар ислоҳи кӯдакони лакнатзабони таҳсилоти томактабӣ // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Душанбе. - 2022. №4 (40). - С.109-114.

3. Салямова Д. Ислоҳӣ лакнатзабонӣ воситаи асосии табобатӣ ва тарбиявӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе. – 2024. №1. - С.247-251.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогир

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Салямова Дилафрӯз Нарзимуродовна дар мавзуи «Заминаҳои пайдошавии лакнатзабонӣ дар кӯдакон ва технологияи бартарафсозии он» аз рӯи ихтисоси 13.00.03 – педагогикаи коррексионӣ (сурдопедагогика ва тифлопедагогика, олигофренгопедагогика ва логопедия) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарор дар ҷаласаи муштараки кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи педагогикаи махсус ва таҳсилоти фарогири Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 12.02.2024, суратҷаласаи №7 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа ҳамагӣ 20 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 1 нафар профессор, 9 нафар номзади илм, 4 нафар муаллими калон, 6 нафар ассистент.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «Тарафдор» – 20 нафар, «Зид» – нест, «Бетараф» – нест. Қарор якдилона қабул гардид.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Мансурова Ҷ. С.

Муқарризон:

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Нугмонов М.

Номзади илмҳои педагогӣ Аҳадов З. Н.

Номзади илмҳои педагогӣ Муродова Ш.С.

Котиби ҷаласа: Қувватов С. Д.

Имзои Нугмонов М., Аҳадов З.Н., Муродова Ш.С. ва Қувватов С.Д- ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ А.Мустафозода

Маълумот барои тамос: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83, info@tgpu.tj www: tgpu.tj